۱۹۷۸

1976

**ИСКАНДАР**

# КИШТИИ УМЕД

**Ба ЖОЛА**

Зане танҳо лаби дарьё,
Ду чашмаш ҳамчу гирдобаст,
Аз он соҳил садое нест,
Аз он соҳил умеде ҳаст...

...Ҳазорон сол хоҳад буду
Хоҳад рафт дар як лаҳзае нохост,
Ки сарфи интизориҳост...

Ватан дар оби чашмон аст,
Ватан дар хуни ҷӯшон аст,
Ватан пайванди виҷдон аст...

Чу овози Ватан аз он лаби дарьё намеояд,
Намеояд ҳанӯзам киштии уммед,
Сарашро мезанад бар санги соҳилҳо.
Худоё, нохудо дар хоби ғафлат монд,
Куҷо он пул, ки пайвандад ду соҳилро?!..

## Қатли Сиёвуш

**Илҳом аз фильми «Корномаи Сиёвуш»**

...Маро кушта дасте ки боло набуд,
Худованди фардои дуньё набуд.
Куҷо хок аз хуни ман сер шуд,
Кай аз хуни ман сер шамшер шуд?!
Ки пайванди Эрону Турон манам!
Шаҳиди пурармони майдон манам!
Набудам паи молу ҷоҳу ҷалол,
Ки бас буд як пора нони ҳалол.
Маро дасти кӯтоҳи хунсард кушт,
Маро ҷаҳли беному номард кушт!
Сарам аз падар бепадар бод, бод,
Ки пайванди худро ба душман бидод!...

78

боғҳои хуби Душанбе анҷом медодам) пур аз хониши шӯхонаи мурғони саҳар гашта буд...

Ман аз кори булбул чунин рамз гирифтам, ки асаре ки дар ин манзил, дар ин маъво иншо мешавад, набояд бо фоҷиа ба анҷом бирасад. Ин бар хилофи ҳақиқати ҳаёт мебуд! Дар соате ки тамоми ҳаёти мо, табиати мо, ба хурӯш меояд, инженери ман набояд, ки ба марг тан диҳад! Ва ман маҷбур шудам, ки анҷоми асарро аз нав нависам.

Ҳоло китобро ба ин умед ба поён мерасонам, ки суруди хуши Карповро ҳамсафон ва шогирдони зиёди ӯ ҳамроҳ месароянд ва ин Суруди ҳаёти хуррамонаи мо беинтиҳост!

Москва — Душанбе,
1974—1978.